БО ВАКТ ЧЙ РЎЗГОРЕ ДОРЙ?

Добавил(а) Administrator
17.08.17 23:49 - Тачдиди охирон 23.08.17 00:37

Алхамду лиллох ва-с-салоту ва-с-салому ъало Расулиллох (с), аммо баъд...



Касе сарваташро дар маърифати Аллох таъоло ва шинохти рохи равиш ба сӯи Ӯ таъоло рафтан, сарф намудааст, фоида ва суди бузургеро ба даст овардааст.



Бародар ва хохари гиромӣ! Касе, ки имрӯзаш мисли дирӯзаш бошад, пас он нафар магбун аст. Магбун кист? Касе аст, ки зиён дида аст. Касе, ки хар ду рӯзаш бо хам баробар шуданд. Касе ки имрӯзаш мисли рӯзи гузаштааш буд, пас он нафар магбун ва фиребхурда аст. Ва касе ки имрӯзаш аз дирӯзаш бадтар бошад, пас он кас малъун аст. Касе ки дар зиёда кардан набошад, хатмӣ ӯ дар нуксону камбуд хохад буд.

Зеро вакт мегузарад, он мисли оби дарё равон аст, хамин кадар барои инсон кифояманд

аст, ки имрӯзаш мисли дирӯзаш бошад ва он зиёнкор ва зиёндида шуморида шавад.

Калимаи магбун ва зиёндида аслан дар тичорат ва савдо истифода мешавад. Истеъмоли он аслан дар хариду фурӯш аст. Баъзе аз донишмандон чунин назар доранд, ки инсон дар хакикат як точир аст. Бандаи мукаллаф ва вазифадор, точиру савдогаре аст. Ӯ хам барои худ сармоя дорад. Ё чунин аст, ки аз сармояаш мехурад, пас он зиёндида аст. Ё ин ки молашро истисмор менамояд, ва танхо аз фоидаи он мехурад, пас ин нафар суд бурда ва фоида дидааст.

Оё медони, ки сармояи ту чист? Сармояи ту вактат ва вакти холиат аст. Ин аст сармояи ту.

Агар ту онро, яъне вактатро ва вакти холиятро дар коре сарф намуди, ки дар он Аллох таъоло розӣ нест, хато як сония ва як нафас кашидан ва аз ин хам камтар бошад, ё дар коре, ки мубох аст, вале ягон манфате надорад, фоидае аз он барои ту бар намеояд, пас касам ба Парвардигори Каъба, ки ту зиён дидаи.

Аммо агар ин молатро дар маърифати Аллох таъоло сарф намуди, дар шинохти рохи ӯ сарф намуди, дар водор кардани худ ба тоати Аллох ва дар наздик шудани ба Ӯ таъоло сарф намуди, дар хакикат рибх ва фоидаи ту нихояд калон аст. Бузургтарин савдогар ва бузургтарин комёб дар савдо ва тичорат ту хасти, фоидаи бехтаринро ту ба даст овардаи. Худованд дар ин маврид фармудааст: “**Эй касоне, ки имон овардаед, оё ман шуморо ба тичорате рахнамоӣ кунам, ки шуморо аз азоби дарднок начот медихад? Ба Худо ва Расули ӯ имон меоваред...**
” Сураи Сафф.

Ту точир хасти. Сармояи ту ин умрат аст. Ё ин ки ту онро дар чизе сарф мекуни, ки хайри он баъди марги ту бароят бармегардад, пас ту дар ин холат суд бурдаи ва ё ин ки дар чизхои мубохе сарф намои, ки фоидае надорад. Мо холо дар гунохон сухант нагуфтаем, сухани мо атрофи чизхое ки мубох хастанд мебошад. Хатто агар Худовандро маъсият ва нофармонӣ хам накарда боши, вале дар мубохот умратро гузаронида боши, сарвататро дар мубохот сарф карда бошӣ, ту зиён дидаи ва тичоратат хасорат бардоштааст. Агар ту онро дар таъом, нӯшокӣ, касби моли бештар ва гайри инхо сарф намуда боши, ин хама хасорат ва зиён аст.

Сахобии бузургвор ва донишманд Абдуллох ибни Масъуд (р) мефармояд:

“***Ман бар ягон чиз пушаймон нашудам, мисли пушаймон шуданам бар рӯзе, ки офтобаш ба гуруб рафт, пас аз мӯхлат ва ачали ман кам шуду дар амалам чизе зиёда ва афзун нагашт*** ”.

Имрӯз гузашт, ва офтоби он гуруб намуд, пас аз вакт ва мухлати вучуди ман ва хастиям рӯзеро кам кард, масофаи ман ва марг ва масофаи ман ва каброо боз як рӯзи дигар наздиктар кард, вале бо вучуди ин ки ба хаёти абадӣ наздик шуда истодаам, амале аз барои он дар ин рӯзе, ки офтобаш фурӯ рафт, зиёда ва афзун нашуд.

Як дуое вучуд дорад, ки баъзе донишмандон онро ба Паёмбар (с) мерасонанд, ва баъзеи дигар онро бар сахоба ва тобеин мерасонанд, ки ин чунин аст: “ ***Барои ман дар тулӯи офтоби рӯзе баракат надихад, ки дар он дар бораи Худованд илме зиёда накардам ва барои ман дар тулӯи офтоби рӯзе баракат надихад, ки дар он ба Худованд такаррубу наздикие бештар хосил накардам***
”.

Хакимон гуфтаанд: “*Касе як рӯзи умрашро гузаронидааст на дар хаке, ки онро анчом дода бошад ё на дар фарзе, ки онро адо намудааст ё на дар бузургие ки онро дучанд гардонида бошад, ё на дар хамду шукронае, ки онро хосил намуда бошад, ё на дар хайре ки онро асосгузорӣ карда бошад, ё на дар илме, ки онро иктибос намуда бошад, хамоно рӯзашро ок кардааст (пора кардааст) ва худашро зулм намудааст* ”.

Вочиб аст бар ин имон дошта бошем ва эътикод намоем, ки гаронбахотарин чизе, ки мо дорем ин вакт аст, зеро он тез мегузарад. Агар вакт тез гузашт, ва мо дар пеши чондодан ё чон кандан карор гирифтем, дар ин соат, на дигар моле фоидае мерасонад ва на фарзандоне, магар касе, ки ба пешгохи Худованди азза ва чалла бо калби солим омада бошад.

Дар баъзе аз асархо омадааст:

"*Инсон дар рӯзи аввал, вакте дар кабраш гузошта мешавад, Аллох азза ва чалла нидо мекунад, ва ба ӯ мегуяд: "Эй бандаи ман! Аз пеши ту (хама) баргашта рафтанд ва туро (танхо) гузоштанд ва дар хок дафнат намуданд, ва агар бо ту хам меистоданд ягон фоидае бароят расонида наметавонистанд. Барои ту чуз Ман каси дигаре бокӣ намонд ва Ман зиндае мебошам, ки намемирад* ".

Вакт нихоят бо суръат харакат менамояд, пас бар инсон лозим аст, ки онро бо амалхои солех пур намояд.

□□□□□ □□□□□ □□□□□□□ □□□□ □□□ □□□□□□ □□□□□□ □ □□□□□"

Умар ибни Абдулазиз (раз) фармуданд:

"**Эй инсон! шабу рӯз дар мавриди ту кор мекунанд, пас ту хам дар онхо кор кун**".

Яъне ба худ назар кун ва ба хотир овар вакте 10, 20, 30, 40, 50, 60 сол дошти. Хар соле ки баъдаш меояд инсонро дигаргун кардааст ва дар нихоят хаставу зор, нотавон ва камкувват, бемор ва дорои ожангхо дар чехра гаштаи. Забонат хама суханхоро бурро намегуяд, гушхоят комил намешунаванд, чашмонат хира гаштаанд, фарзандон мисли пешин ба истикболат давон- давон намеоянд.

Ин хама кори шабу рӯз дар мавриди туст. Пас ту хам дар ин шабу рӯз коре кун.
Назар кун имрӯз барои манфиати абадиат чӣ кор кардӣ? Шабе, ки гузашт барои ин манфиатат коре кардӣ? Дунё ва охирататро ободие анчом додӣ? Агар карда боши

Худоро шукр бигу, ки бароят тавфик додааст. Вале агар накарда боши, пас шабу рӯз дар ту кор карда истодааст, ва охиста-охиста ба хароб кардани зохират ва туро ба нобудӣ мерасонад, вале тавфики илохӣ бошад аз ту дур мондааст. Чаро барои хушбахтии дунё ва охирати худ коре анчом намедихӣ?

Бикӯш, коре бикун, ки саодати харду оламро касб намои.
Комёбии хакикӣ дар коре барои Худо дар ин шабу рӯз анчом додан аст.
Пас бори дигар ба худ назар кун, ки чӣ кадар барои саодати худ имрӯз ва имшаб коре анчом додаӣ?

Худованд хамаи мо ва шуморо ба тавфики бандагӣ мушарраф гардонад. омин.